**Тақризи**

**ба автореферати Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи « Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаб чун як қабати махсуси грамматика, на танҳо дорои аҳаммияти назарӣ, балки дорои аҳаммияти амалӣ низ мебошад. Ҷиҳати назариявию амалии онро ҳам ҷанбаи фарҳангиву маърифатӣ ва ҳам ҷанбаи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи муқоисавии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муйянкунанда дар забони тоҷикӣ ва англисӣ бисёр муҳим ва саривақтӣ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаи Раҳмонова Д.И. низ ба ҳамин масъала бахшида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки забони тоҷикӣ ба қатори забонҳои бойтарини дунё дохил шуда, ҳамчун забони як миллати дорои таърихи куҳан ва осори хаттии бемисл дар зинаи имрӯзаи инкишофу тараққии худ бо шарофати соҳибистиқлолии кишварамон дар ҳамаи соҳаи ҳаёти ҷомеа фаъолияти густурда дорад. Таърихи инкишофи шакли хаттии он дар забони адабӣ, ба таърихи халқи тоҷик, ба ҳаёти ҷамъиятиву мадании вай, ба характери муносибатҳои ҷамъиятӣ дар гузашта ва ҳозира алоқамандии зич дорад. Маҳз ҳамин масъалаҳо мубрамӣ ва воқеияти таҳқиқоти мазкурро ба миён овардааст.

Муаллифи диссертатсия пеши худ мақсад гузоштааст, ки хусусиятҳои грамматикӣ, семантикӣ ва маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва англисӣ, гурӯҳбандии маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда, ҳамчунин, нишон додани таҳлили муқоисавии

сохти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшавандаи мазкур чун низоми яклухт мебошадмуайян созад.

Инчунин қайд кардан зарур аст, ки ба асоси методологии диссертатсия методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ, синхронӣ ва диахронӣ таълиф гардидаанд.

Инчунин ба сифати сачашмаҳои таҳқиқоти маводи таҳқиқотҳои бунёдии олимони шинохта ба монанди Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов, Ф. Зикриёев, С. Атобуллоев, Л. Бузургзода, Д. Хоҷаев ва **хориҷӣ,** Ю.А. Ливитский, Л.С. Бархурдаров, Л.С. Бархурдаров ва Д.А. Штелинг, Л.П. Винокурова, Г.Н. Воронсова, М.А. Галинина ва Н.М. Василевская, Б. А. Илиш, Л.Л. Иофик, Л.П. Чахоян, А.М. Беленитский, Н.Ф. Иртенева, Н.А. Кобрина, Е.А. Корнеева, Д.А. Штеллинг, А.Ж. Смирнитский, В.Д. Ившин ва дигар олимони шиноха хизмат намудаанд, ки хулосаҳои назариявӣ ва амалии корро тақвият медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки кори диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти мушаххас ва фарогири шаклҳои гуногуни воҳидҳои забонӣ ҳамчун наҳви забошиносии қиёсӣ буда, баррасӣ ва натиҷагирии онҳо барои ҳаллу фасли минбаъдаи мавзуъҳои ҳалталаби грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар рисола ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, аз ҷониби муаллиф ба таври васеъ таҳқиқ қарор гирифта, ба хонандагон ва забоншиносон дорои аҳаммияти калон ва вижагиҳои он бо далелҳои илмӣ асоснок шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима диссертант мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, навгонии илмӣ ва арзиши амалии корро асоснок кардааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян сохта, заминаи сарчашмаро тавсиф

намуда, аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян кардааст.

Боби аввал «Заминаҳои назариявӣ ва омӯзишии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, он аз се фасл иборат аст. Мундариҷаи фаслҳои боби мазкурро асосҳои назариявӣ, навъ ва вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар бар гирифта, дараҷаи корбурди онҳо дар осори мансур ва манзуми устод С. Айнӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби дуюм "Вижагиҳои фарқкунандаи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забони точикӣ ва англисӣ" номгузорӣ шуда, аз чор фасл таркиб ёфтааст. Дар фаслҳои боб ҷойи ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаб тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда ва таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Диссертант дар раванди таҳлилҳо далелҳои бисёрро мисол овардааст.

Боби сеюм ба мавзуи «Таҳлили сохтори маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» бахшида шудааст ва аз чор фасл таркиб ёфта, дар ин боб гурӯҳбандии маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар таркиби ҷумлаҳои тобеи забони тоҷикӣ ва ҳамгунҳои онҳо дар забони англисӣ аз нигоҳи фарогирии мавзуъ таҳлил мегардад.

Дар хулоса муаллиф дар ҳамаи самтҳои таҳқиқот ба таври кофӣ муфассал ва равшан натиҷабардорӣ кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун маводи шарҳдиҳанда ва илмӣ ҳангоми хониши курсҳои забоншиносии муқоисавӣ, грамматика ва тарҷумашиносӣ, инчунин адабиёти ҷаҳон дар тайёр намудани маводи

Дар умум бояд қайд намуд, ки диссертатсия барои тақиқотҳои оянда дар чорчӯбаи забоншиносии муқоисавӣ имкониятҳои навро пешниҳод мекунад. Барасмиятдарории диссераттсия дар умум ба талаботи КОА ҷавобгӯ буда, ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар қатори дастовардҳои илмӣ, дар кор баъзе камбудиҳоро мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Дар матни автореферат баъзе нуқсонҳои таҳририву техникӣ ба назар мерасанд.

Хуллас, диссертант кори бузург ва душворро ба анҷом расонидааст, ва камбудиҳои ишорашуда арзиши илмии таҳқиқотро паст намекунанд. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна ба тамоми талаботҳои КОАи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои пешниҳоди рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад, ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Н.и.ф. дотсенти кафедраи
забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории
АИД назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизова Мастона Ҳамидовна

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел: (+992) 92-888-32-32
e-mail: mastonakhon_12@mail.ru

Имзои Азизова М. Ҳ.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Фаромуз Зоирхонович

“ 10 ” 05 2024с